Лоиҳа

# ҚОНУНИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# «ДАР БОРАИ ҲУНАРМАНДӢ»

## БОБИ 1. ҲОЛАТҲОИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мавзуъ ва мақсади Қонун

1.Қонуни мазкур муносибатҳои ба ҳам алоқамандро вобаста ба фаъолияти ҳунармандӣ, ки натиҷаҳои он ҳамчун ҷузъи таркибии фарҳанг, тамаддун ва эҷодиёти пурғановати мардумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон фаъолият дар ин самт ҳамчун омили рушди фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад, танзим менамояд.
2.Қонуни мазкур ҳуқуқҳо, уҳдадориҳо, масъулияти шаҳрвандон, шахсони воқеию ҳуқуқие, ки фаъолияти ҳунармандиро амалӣ менамоянд, инчунин фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи фаъолияти ҳунармандӣ муайян менамояд.
3. Мақсади Қонун аз эҳё, ҳифз, рушди мероси фарҳангӣ, анъанаҳои таърихӣ ва бостонии санъати ҳунармандӣ, таммадун ва мероси миллӣ, қонеъ гардонидани талабот ба маснуот, маҳсулот, молҳо, корҳо, хизматрасониҳои самти ҳунармандӣ, фароҳам овардани заминаи мусоид барои рушди ҳунармандӣ, ҳамчун соҳаи мустақил ва фарогирандаи ҷанбаҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, рушди шабакаҳои истеҳсолотӣ, баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ ва некуаҳволии мардум, тайёр намудани мутахассисони касбӣ дар соҳаи ҳунармандӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон, инчунин маснуот,маҳсулот ва хизматрасонии самти мазкур мебошад.

### Моддаи 2. Хусусияти истисноии фаъолияти ҳунармандӣ

1.Фаъолияти ҳунармандӣ ҷанбаҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро бо алоқамандии ногусастании амалия ва назария фаро гирифта, хусусияти истисноӣ дорад ва тамоми раванди марбут ба ин гуна фаъолият (пешбурд, амалиёт, арзёбӣ, қонунгузорӣ ва ғайра) ба хусусияти истисноӣ, аз ҷумла тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратии он асос меёбад.

2.Хусусиятҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратии фаъолияти ҳунармандӣ ба намуд, моҳият, хусусияти физиологӣ ва маънавӣ, ҳаҷми сарборӣ ва равандҳои технологӣ ҳангоми истеҳсол, номгӯ, серистеъмолии маснуот ва маҳсулот ва ҳамчунин хизматрасонии ҳунармандӣ вобаста буда, он аз

тарафи Шӯрои экспертии ҷумҳуриявӣ оид ба ҳунармандӣ муайян карда мешавад.
3.Сиёсати соҳаи ҳунармандиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда, он таҳти ҳимояти давлат қарор дорад.
4.Сиёсати фаъолияти ҳунармандӣ ва рушди бахши ҳунармандиро аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар якҷоягӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Вазорати фарҳанг ва Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

**Моддаи 3.Хусусиятҳои маснуот, маҳсулот ва хизматрасонии ҳунармандӣ**

1. Маснуот ва маҳсулоти ҳунармандӣ дар худ хусусиятҳои бехатарӣ ва аз ҷиҳати экологии тоза будани онро таҷассум намуда, дорои арзишҳои таърихӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сайёҳӣ мебошад ва барои пешбурди ҷанбаҳои мазкур мусоидат мекунад.
2. Хизматрасонии ҳунармандӣ бо хусусиятҳои миллӣ дорои арзишҳои таърихӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва сайёҳӣ буда, барои пешбурди ҷанбаҳои мазкур мусоидат мекунад.

**Моддаи 4. Танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳунармандӣ**

1. Муносибатҳои вобаста ба ҳунармандӣ ва фаъолияти он дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, танзим ва амалӣ карда мешавад.
2. Дониш, малака, истеъдод ва тахассуси касбии ҳунарманд маҷмуи дастовардҳои истисноии худи ӯ ба ҳисоб меравад ва ҳифзи он, мансубияти касбии ҳунарманд дар асоси қонунгузориҳо кафолат дода шуда, муносибатҳои вобаста ба ҳимояи ҳуқуқӣ ва истифодаи объектҳои моликияти зеҳнӣ дар соҳаи ҳунармандӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд.

**Моддаи 5. Мафҳумҳои асосӣ дар қонун**

Дар қонун мафҳумҳои асосии зерин истифода бурда мешаванд:

- фаъолияти ҳунармандӣ – намуди махсуси фаъолияти касбӣ оид ба истеҳсоли маснуоту маҳсулот, молҳо, иҷрои корҳо, хизматрасониҳо, аз ҷумла эҳё (реставратсия) - и маснуоти ҳунармандӣ, амалӣ намудани хизматрасониҳои санъати меъморӣ, омӯзиши касбҳо ва фаъолияти касбии ҳунармандӣ бо назардошти таҷассуми мероси фарҳангӣ, тарзи ифода ва тасвири хусусиятҳои фарҳангӣ, забон, донишу малакаҳо, ки аз ҷониби субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ дар шаклҳои муайян амалӣ

гардида ва вобаста ба анаъанаҳои ба гуруҳҳои ичтимоӣ, ҷомеа ва арсаи ҷаҳонӣ хос эътироф мегардад, ба ҳисоб меравад.

- субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки фаъолияти ҳунармандиро бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи худ ва дигарон, аз ҷумла тибқи фармоиши инфиродию гуруҳӣ бо сарборӣ ва ҳаҷми гуногун (дона, баста) бо назардошти таъиноти истеъмолии фарҳангӣ, ичтимоӣ ва иқтисодии он амалӣ менамояд.

- иттиҳодияҳои ҳунармандӣ - созмони махсуси фаъолияти касбӣ мебошад, ки бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти ҳунармандӣ ва мусоидат намудан ба субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ ҷиҳати амалисозии фаъолияти ҳунармандӣ ва фаъолиятҳои дигари марбут ба соҳа, мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои ҳунармандон ва истеъмолкунандагони маҳсулоту хизматрасонии ҳунармандӣ ва ҳифзи мероси фарҳангӣ дар шаклҳои ассотсиатсияҳо, палатаҳо, иттифоқҳо, марказҳо, толорҳои ҳунармандӣ таъсис дода мешавад.

- Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон – иттиҳодияи ҷумҳуриявии ҳунармандон мебошад, ки бо мақсади амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ, таъмини ягонагии субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ (ҳунармандон, ташкилоту корхонаҳои ҳунармандӣ), мусоидат намудан ба субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ ҷиҳати амалисозии фаъолияти илмӣ, истеҳсолӣ, иттилоотӣ, машваратӣ, омӯзишӣ-таълимӣ ва фаъолиятҳои дигари марбут ба соҳа, фурӯши молу хизматрасонӣ, барқарорсозӣ ва рушди шабакаҳои ҳунармандии маҳалҳои гуногуни аҳолинишин, баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ, мусоидат ба ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони маҳсулоту хизматрасонии ҳунармандӣ ва мероси фарҳангӣ таъсис дода мешавад.

- Шаҳраки ҳунармандӣ - ҳудуди муайяни барои ҳунармандони тамоми самтҳо дар ноҳияву шаҳрҳои минтақаҳои ҷумҳурӣ бо мақсади истеҳсолӣ, хизматрасонӣ, намоишдиҳӣ, сайёҳӣ, муаррифии маснуот, маҳсулот ва хизматрасонӣ дар соҳаи ҳунармандӣ ҷудокардашуда буда, фаъолияти он дар асоси қонунгузории ҷумҳурӣ бо риояи анъанаҳои маҳаллию миллӣ ва доимоамалкунанда ба роҳ монда мешавад.

-Феҳристи ягонаи субъектҳои фаъолияти ҳунармандии Тоҷикистон хазина ва низоми иттилоотӣ оид ба субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ ба ҳисоб рафта, кори он дар асоси талаботу қоидаҳои бақайдгирӣ ба роҳ монда мешавад.

- Номгӯи намудҳои касбҳо ва фаъолиятҳои ҳунармандӣ маҷмуаи тамоми намудҳои касбҳо ва фаъолиятҳои ҳунармандӣ мебошад, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда ва ё минбаъд ба роҳ монда мешавад.

- Шӯрои экспертии ҷумҳуриявӣ оид ба ҳунармандӣ сохтори махсус барои ташхиси раванди амалисозии сиёсати давлатӣ оид ба ҳунармандӣ, анҷом додани фаъолият ҷиҳати мансуб донистани маснуоту маҳсулоти истеҳсолшаванда ва хизматрасониҳо ҳамчун маснуот, маҳсулот ва хизматрасонии соҳаи ҳунармандӣ ба ҳисоб меравад.

-омӯзиши касбҳои ҳунармандӣ - омӯзиши бевосита ва амалии худи касбҳо дар асоси Номгӯи намудҳои касбҳо ва фаъолиятҳои ҳунармандӣ бе назардошти омӯзиши фанҳои иловагӣ, ки дар дӯконҳо, маконҳои доимии фаъолияти ҳунармандӣ, биною иншооти дар ихтиёри субъектҳои омӯзиши касбҳои ҳунармандӣ мавҷудбуда ва аз ҷониби онҳо амалӣ карда мешавад.

- омӯзиши фаъолияти касбии ҳунармандӣ - омӯзишҳои фаъолияти касбии ҳунармандӣ дар асоси Номгӯи намудҳои касбҳо ва фаъолиятҳои ҳунармандӣ, тибқи барномаҳои дар мувофиқа бо мақоми масъули бахши давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ, иттиҳодияҳои ҳунармандон ва мақомоти соҳаи маориф таҳия ва аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ тасдиқнамуда дар биною иншоот ва дигар мавзеъҳои дар ҳисоби воситаҳои асосии субъектҳои омӯзиши фаъолияти касбии ҳунармандӣ қарордошта амалӣ карда мешавад.

- омӯзиши тамоюли касб ва фаъолияти касбии ҳунармандӣ – фаъолияти шогирд-омӯзишгиранда ва ё ҳунарманд-ҳаваскор, ки бо аз худ кардани касб дар назди ҳунарманд ва ё тибқи барномаҳои таълими касбии дар асоси қонунгузориҳо тасдиққардашуда дар муассисаҳои омӯзишии фаъолияти касбии ҳунармандӣ дар як вақт бо фаъолият ва ё касби асосӣ омӯхта мешавад.

- омӯзиши экстернат – омӯзиши мустақилона ва фосилавии касби ҳунармандӣ бо аз худ кардани барномаҳои фаъолияти касбии ҳунармандӣ бо гузаштан аз санҷиш (аттестатсия) дар муассисаҳои омӯзишии касби ҳунармандӣ тибқи муқаррароти муайяншуда амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 6. Субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ**

1.Субъекти фаъолияти ҳунармандӣ – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мебошад, ки бевосита як ва ё якчанд намуди самтҳои асосии фаъолияти ҳунармандиро дар шаклҳои зерин амалӣ менамояд:

-эҷод ва истеҳсоли маснуоту маҳсулот;

-наққошӣ ва тазйиндиҳӣ;

-анҷом додани хизматрасониҳо вобаста ба самти машғулияти касбии ҳунармандӣ;

- эҳё (реставратсия) -и маснуоти ҳунармандӣ;

-амалӣ намудани хизматрасониҳои санъати меъморӣ;

-анҷом додани тадқиқот ва кашфиётҳои илмӣ дар соҳа;

-омӯзиши касбҳо ва фаъолияти касбии ҳунармандӣ;

2. Субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ як ва ё якчанд намуди фаъолияти ҳунармандиро мутобиқи меъёрҳои муқаррашудаи зерин амалӣ менамоянд:

- тамоми раванди фаъолияти ҳунармандиро амалӣ мекунанд;

- сеяки ҳаҷми умумии маҳсулот ва хизматрасониҳои касбии аз ҷониби субъекти фаъолияти ҳунармандӣ пешниҳодшаванда ба воситаи фаъолияти ҳунармандӣ амалӣ карда мешавад;

- фаъолияти ҳунармандиро бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи худ ва дигарон, аз ҷумла тибқи фармоиши инфиродию гуруҳӣ бо сарборӣ ва дар ҳаҷми гуногун (дона, баста) бо назардошти таъиноти истеъмолии фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии он амалӣ менамояд.

3.Субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ инҳо мебошанд:

а) усто-ҳунарманд – шахси воқеии дорои донишҳои махсус, малака, истеъдод, таҷрибаи корӣ, сирри махсус ва тахассуси касбиест, ки бо ҳуҷҷати намунаи тасдиқшуда, фаъолияти ҳунармандиеро, ки ба Номгӯи фаъолияти ҳунармандии Тоҷикистон дохил карда шудааст, мустақилона ва ё дар яке аз ташкилотҳои ҳунармандӣ амалӣ менамояд;

б) косиб-ҳунарманд - шахси воқеии дорои донишҳои махсус, малака, истеъдод, таҷрибаи корӣ, сирри махсус ва тахассуси касбиест, ки бо ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи амалисозии чунин фаъолият/фаъолиятҳо бо дараҷаи касбии ҳунармандии «косиб-ҳунарманд» як ва ё якчанд намуди ҳунармандиро дар доираи Номгӯи намудҳои касбҳо ва фаъолиятҳои ҳунармандӣ, мустақилона ва ё дар яке аз ташкилотҳои ҳунармандӣ амалӣ менамояд;

в) ҳунарманди касбӣ - шахси воқеии дорои таҷрибаи корӣ дар як ва ё якчанд намуди ҳунармандӣ бо ҳуҷҷатҳои (шаҳодатнома, диплом) тасдиққунандаи амалисозии чунин фаъолият/фаъолиятҳо бо дараҷаи касбии ҳунармандии «ҳунарманди касбӣ» буда, дар назди усто-ҳунарманд ва ё ҳунарманди касбии яке аз ташкилотҳои ҳунармандӣ фаъолият мекунад;

г) устоди бахши ҳунармандӣ – субъекти фаъолияти ҳунармандӣ мебошад, ки дар офаридан, истеҳсол намудан ва ба роҳ мондани силсилаистеҳсоли маснуот, молу маҳсулот, анҷом додани хизматрасониҳои ҳунармандӣ, омӯзонидани насли нави ҳунармандон саҳми бевосита дошта, натиҷаҳои он дар кишвар ва ҷомеа муаррифӣ, эътироф ва соҳиби эътиборномаҳо ва ҷоизаҳо гардидаанд;

д) устоди хизматнишондодаи бахши ҳунармандӣ – субъекти фаъолияти ҳунармандӣ, шахсияти маъруф ва барҷастаи бахши ҳунармандӣ мебошад, ки дар офаридан, истеҳсол намудан ва ба роҳ мондани силсилаистеҳсоли молу маҳсулот, анҷом додани хизматрасониҳои ҳунармандӣ, омӯзонидани насли нави ҳунармандон, тадқиқотҳои илмию амалӣ ва кашфиётҳои соҳаи ҳунармандӣ, эҳё ва рушди ҳунармандӣ, пешбурди мероси ҳунармандӣ саҳми бевосита дошта, натиҷаҳои фаъолияти ӯ дар кишвар, хориҷ аз он муаррифӣ ва аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф ва соҳиби эътиборномаҳо ва ҷоизаҳои байналмилалӣ гардидаанд;

е) шогирд-омӯзишгиранда – шахси синну соли гуногун, шаҳрванди чумҳурӣ ва хориҷӣ мебошад, ки дар назди устои бахши ҳунармандӣ ва ё косиб-ҳунарманд, ҳунарманди касбӣ, ташкилоти ҳунармандӣ ва ё муассисаҳои омӯзишии ҳунармандӣ касби ҳунармандиро меомӯзад ва фаъолият мекунад;

ё) ҳунарманд-ҳаваскор шахси дорои касбу кори асосӣ ё ҳар шахс бе доштани ҷои кори асосӣ, ки бо касби ҳунармандӣ ба ҳайси шогирд дар назди яке аз субъектҳои ҳунармандӣ фаъолият мекунад ё омӯзиш мегирад ва ё фаъолият ва омузишгирии касби ҳунармандиро дар як вақт амалӣ менамояд;

4. Ҳангоми амалисозии фаъолияти ҳунармандӣ як қатор намудҳои фаъолияти ҳунармандӣ, аз ҷумла омӯзиши (омӯзишгирии) касб ва фаъолияти касбии ҳунармандӣ ба шахсҳои ҳуқуқӣ, ҳамчун субъекти фаъолияти ҳунармандӣ истисно карда мешавад.
5.Ҳангоми амалисозии фаъолияти ҳунармандӣ барои шахсҳои ҳуқуқии субъекти фаъолияти ҳунармандӣ масъалаҳои пардохти андоз аз даромад, пешниҳоди эъломияҳои андоз, пеш бурдани маълумот оид ба даромадҳо ва хароҷот, пешниҳоди ҳисоботи муҳосибавӣ, ки шахсони воқеии субъекти фаъолияти ҳунармандӣ озод мебошанд, истисно карда шуда, барои онҳо низоми махсуси соддакардашудаи имтиёзнок пешбинӣ карда мешавад.
6. Зинаҳои ҳунармандӣ
Зинаҳои ҳунармандӣ иборатанд аз:
- омӯзишгирандагони ҳунармандӣ, ки ба онҳо субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ, аз ҷумла шогирд-омӯзишгиранда ва ҳунарманд-ҳаваскор дохил мебошанд.
- ҳунармандони зинаи аввал, ки ҳунарманд-косиб, усто-ҳунарманд ва ҳунарманди касбиро дар бар мегирад.
- ҳунармандони зинаи олӣ, ки устоди бахши ҳунармандӣ ва устоди хизматнишондодаи бахши ҳунармандиро дар бар мегирад.
7. Фаъолияти омӯзандагӣ ва омӯзгории субъекти фаъолияти ҳунармандӣ, ҷалби онҳо, аз ҷумла аз хориҷи мамлакат бо мақсади омӯзгорӣ ва ба роҳ мондани намудҳои нави ҳунармандӣ (бо назардошти ворид кардани он ба Номгӯи намудҳои касбҳо ва фаъолиятҳои ҳунармандӣ), омӯзиши фаъолияти ҳунармандӣ, аз ҷумла барои шаҳрвандони хориҷӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии иловагӣ ва қонунгузориҳои ҷумҳурӣ амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 7. Ҳуқуқу уҳдадориҳои субъекти фаъолияти ҳунармандӣ**

1. Субъекти фаъолияти ҳунармандӣ ҳуқуқ дорад, ки:
- маҳсулот истеҳсол намояд, онҳоро фурӯшад ва ё эҳдо намояд, хизматрасонӣ анҷом диҳад;

- мустақилона ва дар мувофиқа ба раванди истеҳсол ва тайёр намудани молҳо, иҷрои корҳо, хизматрасониҳо шогирдон ва омӯзишгирандагонро ҷалб намояд;
- касби худро ба шогирдон, омӯзишгирандагон ва дигар хоҳишмандон ба таври инфиродӣ мувофиқи салоҳдиди худ пулакӣ ва ё ройгон омӯзонад;
- арзиши маҳсулоти (кор, хизматрасонӣ) иҷрокардаашро муайян намояд;
- дорои нишони (тамғаи) махсус бошад ва онро дар молҳои истеҳсолкардааш гузорад;
- аз имтиёзҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намояд;
- дар чорабиниҳои сатҳи гуногун бахшида ба масъалаҳои ҳунармандӣ иштирок намояд;
- ҷиҳати рушди соҳаи ҳунармандӣ пешниҳодҳо манзур намояд;
- шартномаҳои сатҳи гуногунро ба имзо расонад.
2. Субъекти фаъолияти ҳунармандӣ уҳдадор аст:
- дар истеҳсоли молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо бевосита иштирок намояд;
- сифатнокии истеҳсоли молҳо, кору хизматрасониҳои шахсан ва бо шогирдону омӯзиширандагон ва ё аз тарафи шогирдону омӯзиширандагон иҷрошавандаро дар сатҳи зарурӣ таъмин намояд;
- аз рӯи раванди амалисозии фаъолияти шогирдон ва омӯзишгирандагон назорат намояд;
- дигар уҳдадориҳоро тибқи ҳамин қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро намояд.
3. Субъекти фаъолияти ҳунармандӣ барои таъмини сифати моле, ки дорои тамғаи устохонаи вай мебошад, масъул мебошад.
4. Муносибатҳои байниҳамдигарии субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи миёни онҳо танзим карда мешаванд.

**Моддаи 8. Ҳуқуқи авлавият ба молу маҳсулот ва малакаҳои ҳунармандӣ**

1.Маснуоту маҳсулотҳо, маҷмуи донишу малакаҳои дорои хусусияти истиноӣ, ки дар раванди фаъолияти ҳунармандӣ истеҳсол ва ё ҳосил гардидааст, маҳсули эҷоди субъекти фаъолияти ҳунармандӣ ба ҳисоб рафта, дар сурати ба фурӯш гузоштани он давлати Тоҷикистон барои харидорӣ кардани он авлавият дорад.

2.Дар сурати мансубияти маснуоту маҳсулотҳо, маҷмуи донишу малакаҳои дорои хусусияти истиноӣ, ки дар раванди фаъолияти ҳунармандӣ аз тарафи субъекти фаъолияти ҳунармандӣ ва ё шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи мамлакат истеҳсол ва ё ҳосил гардидааст, маҳсули эҷоди ҳунармандӣ ба ҳисоб рафта, дар сурати ба фурӯш гузоштани он давлати Тоҷикистон барои харидорӣ кардани он авлавият дорад.

**Моддаи 9. Шӯрои экспертии ҷумҳуриявӣ оид ба ҳунармандӣ**

1.Шӯрои экспертии ҷумҳуриявӣ оид ба ҳунармандӣ бо мақсади ташхиси раванди амалисозии сиёсати давлатӣ оид ба ҳунармандӣ, масъалаҳои марбут ба тадқиқот ва кашфиётҳои илмӣ дар соҳаи ҳунармандӣ, анҷом додани фаъолият ҷиҳати мансуб донистани маснуот ва маҳсулоти истеҳсолшаванда, хизматрасонӣ ба маснуот ва маҳсулот, ҳамчунин хизматрасонии ҳунармандӣ таъсис дода мешавад.
2. Ҳайати экспертии ҷумҳуриявӣ аз ҳисоби устодони хизматнишондодаи бахши ҳунармандӣ ва устодони бахши ҳунармандӣ, мақомоти давлатии соҳа ташкил ёфта, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.
3. Масъалаҳои гузаронидани ташхис вобаста ба мансуб донистани маснуот ва маҳсулоти истеҳсолшаванда, ҳамчунин хизматрасонӣ ба маснуот ва маҳсулот, ҳамчунин хизматрасонии ҳунармандӣ ба зиммаи бахши техникии шӯроҳои экспертӣ вогузор карда мешавад.
4.Шӯрои экспертии ҷумҳуриявӣ оид ба ҳунармандӣ метавонад шӯроҳои экспертӣ оид ба ҳунармандиро таъсис диҳад.
5. Низомнома дар бораи фаъолияти Шӯрои экспертии ҷумҳуриявӣ оид ба ҳунармандӣ ва низомномаи намунавӣ дар бораи фаъолияти шӯроҳои экспертӣ оид ба ҳунармандӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.
6. Ташхиси маснуот, маҳсулот, маҳсули эҷоди субъекти фаъолияти ҳунармандӣ, ки барои намоишгоҳҳо, чорабиниҳои давлатӣ ва байналмилалӣ дар назар дошта мешаванд, ройгон мебошад.

**Моддаи 10. Феҳристи ягонаи субъектҳои фаъолияти ҳунармандии Тоҷикистон**

1. Мутобиқи талаботи Қонуни мазкур субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ ба Феҳристи ягонаи субъектҳои фаъолияти ҳунармандии Тоҷикистон (минбаъд Феҳрист) дохил карда мешаванд.
2. Тибқи қонунгузории ҷумҳурӣ Феҳрист инчунин метавонад дигар иттилооти заруриро дар бораи субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ дар бар гирад.
3. Феҳрист бо мақсадҳои зерин таҳия ва ба роҳ монда мешавад:
- бақайдгирии субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ;
- бақайдгирии мурочиати субъектҳо ва дигар иштирокчиѐни фаъолияти ҳунармандӣ вобаста ба фаъолияти анҷомдиҳанда;
-нигоҳдорӣ ва фардикунонии иттилоот дар бораи субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ ва таъмини дастрасии фаврӣ ба он;
-дастрасии маълумот бо мақсади муайян намудани раванд ва тамоюли рушди ҳунармандӣ;
- дастрасии маълумот бо мақсади таҳлил, омӯзиш ва пешбинӣ кардани имтиёзҳо ва афзалиятҳо тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- гузаронидани пурсиш миёни субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба фаъолияти ҳунармандӣ;
- ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилоот дар бораи ташаккули бозори фурӯши маҳсулот (хизматрасонӣ, кор), ки аз ҷониби субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ истеҳсол карда мешавад.
4. Дар ҳолатҳои ворид нагардидани субъекти фаъолияти ҳунармандӣ ба Феҳрист ва шомил нагардидани он ба иттиҳодияҳои ҳунармандӣ, он барои рад кардани пешниҳоди имтиёзу афзалиятҳо ба субъекти фаъолияти ҳунармандӣ, ки қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷумҳурӣ муқаррар намудааст, асос шуда наметавонад ва субъекти мазкур аз тамоми ҳуқуқу уҳдадориҳои тибқи қонунгузориҳо муайянгардида баҳрабардор мебошад.
5. Феҳрист тибқи тартиботи муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақомоти давлатии масъули соҳа дар мувофиқа бо иттиҳодияҳои ҳунармандон пеш бурда мешавад.

## БОБИ 2. ШУҒЛИ ФАЪОЛИЯТИ ҲУНАРМАНДӢ

### Моддаи 11. Номгӯи намудҳои касбҳо ва фаъолиятҳои ҳунармандӣ

1. Номгӯи намудҳои касбҳо ва фаъолиятҳои ҳунармандӣ аз тарафи мақомоти давлатии масъули соҳа ва Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон дар мувофиқа бо Шӯрои экспертии ҷумҳуриявӣ оид ба ҳунармандӣ пешниҳод карда ва аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.
2. Хусусиятҳои тахассусии намудҳои фаъолияти ҳунармандӣ ва талаботро нисбат ба донишҳои касбӣ ва малакаи ҳунармандон вобаста ба тахассуси онҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси хулосаи Шӯрои экспертии ҷумҳуриявӣ оид ба ҳунармандӣ муқаррар менамояд.

### Моддаи 12. Фардикунонии маснуот, маҳсулот ва кору хизматрасониҳои ҳунармандӣ

1. Фардикунонии маснуот, маҳсулот ва кору хизматрасониҳои самти ҳунармандӣ бо мақсади аз ҳамдигар фарқ кунонидани молҳои истеҳсолшуда, кору хизматрасониҳо ва мансубияти он ба ҳунармандон амалӣ карда мешавад.
2.Субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ дорои тамғаҳои худ буда, дар молҳои тайёрнамудаи худ, шогирдон ва омӯзишгирандагон мутобиқи салоҳдиди худ ва ё дар мувофиқа нишони махсус (тамға) мегузоранд.
3.Субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ метавонанд аз тамғаи дастаҷамъона истифода баранд, ки тибқи муқаррароти муайяншуда ҳуқуқи истифода бурдани чунин тамғаро дошта бошанд.
4. Дар ҳолатҳои бо хоҳиши субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ аз ҷониби дигарон амалӣ намудани ҳуқуқ ба ҳифзи тамғаи онҳо, тамға тибқи

тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта мешавад.
5. Ҳимояи ҳуқуқҳои муаллифии ҳунармандон тибқи қонунгузориҳои ҷумҳурӣ амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 13. Шартномаҳои бахши фаъолияти ҳунармандӣ**

1. Шартномаҳои бахши фаъолияти ҳунармандӣ миёни субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ ва ё миёни субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ ва ҷониби дигари шартнома вобаста ба предмети шартнома дар асоси қонунгузории ҷумҳурӣ, ҳамчунин аҳду паймонҳо ва анъанаҳои дар байни ҳунармандон маъмулбуда амалӣ карда мешавад.
2. Предмети шартнома метавонад истеҳсоли маснуоту маҳсулот, анҷом додани кору хизматрасонӣ, омӯзиши шогирдон ва хоҳишмандон бо касбҳо ва фаъолияти касбии ҳунармандӣ ва ё ҳар мавзӯи дигари мавриди таваҷҷуҳи тарафҳо бошад.
3. Омӯзиши шахси синну соли то синни балоғат, тибқи шартномаи хаттии миёни усто ва волидайни кӯдак (шахсони ӯро ба фарзандӣ хонда, васӣ, мақомоти васӣ ва парастор) амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 14. Гирифтани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда барои амалӣ намудани фаъолияти ҳунармандӣ**

1.Ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳандаи вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти ҳунармандӣ, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷозатдиҳӣ» дода мешаванд.

## БОБИ 3. ОМӮЗИШ ВА ГИРИФТАНИ МАЪЛУМОТ ДАР СОҲАИ ҲУНАРМАНДӢ

**Моддаи 15. Омӯзиши касбҳои ҳунармандӣ ва фаъолияти касбии ҳунармандӣ**

1. Бо мақсади ҳифз, таъмини меросият ва рушди фаъолияти ҳунармандӣ омӯзиши касбҳои ҳунармандӣ ва фаъолияти касбии ҳунармандӣ дар байни омӯзишгирандагон - шогирдон, шахсони синну соли гуногун, иштиёқмандони омӯзиши фаъолияти ҳунармандӣ тариқи системанок ва силсилапайвандӣ ва амалиявию назариявӣ амалӣ карда мешавад.
2.Омӯзиши касбии фаъолияти ҳунармандӣ мутобиқи ҳамин Қонун, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.
3.Талабот оид ба омӯзиши касбҳои ҳунармандӣ, ҳуқуқи омӯзишгирандагони касбҳои ҳунармандӣ, аз ҷумла дар давраи омӯзиш аз тарафи Шӯрои экспертии ҷумҳуриявӣ оид ба ҳунармандӣ, иттиҳодияҳои ҳунармандӣ дар мувофиқа бо Кумитаи давлатии

сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вазорати маориф ва илм таҳия ва аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

**Моддаи 16. Субъектҳои омӯзиши касбҳои ҳунармандӣ ва фаъолияти касбии ҳунармандӣ**

1. Субъектҳои омӯзиши касбҳои ҳунармандӣ **с**убъектҳои фаъолияти ҳунармандии зинаи якум- усто-ҳунарманд, ҳунарманди касбӣ, косиб-ҳунарманд ва зинаи олӣ-устоди бахши ҳунармандӣ ва устоди хизматнишондодаи бахши ҳунармандӣ мебошанд.
2. Субъектҳои омӯзиши фаъолияти касбии ҳунармандӣ муассисаҳои таълимие, ки дар онҳо барномаҳои таълимии касбии дараҷаи дахлдори ҳунармандӣ таълим дода мешавад, ба ҳисоб меравaнд.
3.Ба субъектҳои омӯзиши фаъолияти касбии ҳунармандӣ муассисаҳои зерин дохил мешаванд:
-муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ
- комбинатҳои таълимӣ ва таълимию истеҳсолии касбӣ;
- марказҳои таълимӣ ва таълимию истеҳсолии касбӣ;
- мактабҳои касбҳои нодир.
4. Субъектҳои омӯзиши фаъолияти касбии ҳунармандӣ метавонанд **с**убъектҳои фаъолияти ҳунармандии зинаи якум ва олӣ, ҳамчунин хориҷиро ба раванди омӯзиш ҷалб намоянд.

**Моддаи 17. Макони омӯзиши касбҳо ва фаъолияти касбии ҳунармандӣ**

1.Омӯзиши касбҳои ҳунармандӣ дар дӯконҳо, маконҳои доимии фаъолияти ҳунармандӣ, биною иншооти дар ихтиёри субъектҳои омӯзиши касбҳои ҳунармандӣ мавҷудбуда ба роҳ монда мешавад.
2. Омӯзиши фаъолияти касбии ҳунармандӣ дар биною иншоот ва дигар мавзеъҳои дар ҳисоби воситаҳои асосии субъектҳои омӯзиши фаъолияти касбии ҳунармандӣ - муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, комбинатҳои таълимӣ ва таълимию истеҳсолии касбӣ, марказҳои таълимӣ ва таълимию истеҳсолии касбӣ, муассисаҳои омӯзишии касбҳои нодир ба роҳ монда мешавад.
3. Курсҳои омӯзишии касбҳо ва фаъолияти касбии ҳунармандӣ дар биноҳои аз тарафи мақомоти давлатӣ, соҳибкорон ва ё шахсии бо ин мақсад ҷудошуда, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ҷамъиятӣ тибқи қонунгузории ҷумҳурӣ ба роҳ монда мешавад.
4.Курсҳои муваққатии омӯзишии касбҳо ва фаъолияти касбии ҳунармандӣ дар биноҳои аз тарафи мақомоти давлатӣ, соҳибкорон ва ё шахсии бо ин мақсад ҷудошуда, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ҷамъиятӣ тибқи қонунгузорӣ ба роҳ монда мешавад.

**Моддаи 18. Хусусиятҳои омӯзиши касбҳо ва фаъолияти касбии ҳунармандӣ**

1. Омӯзиши касбҳои ҳунармандӣ новобаста аз синну сол, вақту замон, машғулияти асосии омӯзишгирандагон - шогирдон, шахсони синну соли гуногун, иштиёқмандони омӯзиши фаъолияти ҳунармандӣ ба таври мунтазам ва ё муваққатӣ ба роҳ монда мешавад.
2. Ҳангоми омӯзишҳои касбҳои ҳунармандӣ бевосита ва амалан танҳо худи касбҳо омӯзонида шуда, омӯзиши фанҳои иловагӣ дар назар дошта намешавад.
3. Омӯзишҳои фаъолияти касбии ҳунармандӣ тибқи барномаҳои дар мувофиқа бо мақоми масъули бахши давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ ва иттиҳодияҳои ҳунармандон, мақомоти соҳаи маориф таҳия ва амалӣ карда мешавад.
4. Омӯзишҳо метавонад дар шаклҳо ва ҳолатҳои зерин амалӣ карда шавад:
- бо тартиби инфиродӣ ва гурӯҳӣ;
- таҳсили умумии миёна ва олии фаъолияти касбии ҳунармандӣ;
- дар шакли экстернат;
- маълумоти иловагии касбӣ;
- мукаммалсозии дониш ва дараҷаи тахассус;
5.Омӯзиши касбҳои нодир ва афзалиятдори ҳунармандӣ бо мақсади ҳифз ва рушди онҳо дар асоси барнома ва дархости мақомоти давлатии масъули соҳа ё дар асоси пешниҳод бо ихтиёрдории субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ ва иттиҳодияи ҳунармандӣ амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 19. Иҷозатномагирӣ барои омӯзонидани фаъолияти ҳунармандӣ**

1.Омӯзонидани касбҳои ҳунармандӣ ба шогирдон, ҳунармандон ва хоҳишмандон дар макони доимии фаъолият ҷузъи амалии фаъолияти субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ дар раванди ин гуна фаъолият ба ҳисоб рафта, ба гирифтани иҷозатномаи иловагӣ барои омӯзонидан зарурат надорад.
2.Дар сурати омӯзонидани касбҳои ҳунармандӣ ба шогирдон ва ҳунармандон дар асоси шартномаҳо дар биною иншоот ва дигар мавзеъҳои дар ҳисоби воситаҳои асосии субъектҳои омӯзиши фаъолияти касбии ҳунармандӣ - муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, комбинатҳои таълимӣ ва таълимию истеҳсолии касбӣ, марказҳои таълимӣ ва таълимию истеҳсолии касбӣ, муассисаҳои омӯзишии касбҳои нодир, субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ тибқи қонунгузорӣ иҷозатнома мегиранд.
3. Муассисаҳои омӯзишҳои фаъолияти касбии ҳунармандӣ фаъолияти омӯзишии худро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд.

**Моддаи 20. Тартиб ва қоидаҳои омӯзиши касбҳо ва фаъолияти касбии ҳунармандӣ ва натиҷаҳои ҷамъбастии он**

1. Омӯзиши фаъолияти касбии ҳунармандӣ зинаҳо ва муассисаҳои омӯзишии зеринро дар бар мегирад:
- зинаи аввал – таълими ибтидоӣ ва миёнаи фаъолияти касбии ҳунармандӣ, ки барномаҳои таълимии он аз ҷониби муассисаҳои омӯзиши касбии ибтидоӣ ва миёна ба амал баровaрда мешаванд
- зинаи дуюм – таълими фаъолияти касбии ҳунармандии олӣ, ки барномаҳои таълимии он аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзиши касбии фаъолияти касбии ҳунармандӣ амалӣ карда мешаванд.
2. Зинаҳои омӯзиши тамоюли касб ва фаъолияти касбии ҳунармандӣ бо ихтиёри ҳунарманд ва омӯзишгиранда, дар асоси омӯзиши касбҳо ва фаъолияти касбии ҳунармандӣ дар мувофиқа бо иттиҳодияҳои ҳунармандон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Вазорати маориф таҳия ва тибқи қонунгузориҳо тасдиқшуда амалӣ карда мешавад.
3. Додани тахассус ба омӯзишгирандагон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикстон амалӣ карда мешавад.
4. Низомнома дар бораи омӯзиши касбҳо ва фаъолияти касбии ҳунармандӣ, тартиб ва қоидаҳои вобаста ба омӯзиш, санҷиш, комиссияи санҷишӣ, дараҷаҳои тахассусӣ, додани ҳуҷҷатҳо дар бораи маълумоти касбӣ дар соҳаи ҳунармандиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.

## БОБИ 4. ИТТИҲОДИЯҲОИ ҲУНАРМАНДӢ

### Моддаи 21. Хусусиятҳои таъсиси ташкилотҳои ҳунармандӣ

1.Иттиҳодияҳои ҳунармандӣ созмони махсуси фаъолияти касбӣ ва ғайритиҷоратӣ мебошад, ки аз ҷониби субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятию соҳибкорӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятию иқтисодӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.
2. Иттиҳодияҳои ҳунармандӣ дар шаклҳои палатаҳо, ассосиатсияҳо, марказҳо, иттифоқи ҳунармандон, ташкилотҳои ҷамъиятии ҳунармандӣ ташкил дода мешаванд.
3.Низомномаҳои иттиҳодияҳои ҳунармандии ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ мутаносибан дар анҷуманҳои умумиҷумҳуриявӣ ва ҷамъомадҳои маҳаллии ҳунармандӣ қабул карда мешавад.
4.Дар Низомномаҳои иттиҳодияҳои ҳунармандӣ муайян карда мешавад:
- тартиби таъсис додани ташкилотҳои ҳунармандӣ;
- ҳайат, ваколатҳо ва вазифаҳои мақомоти идоракунии онҳо;
- шартҳои иштирок намудан дар фаъолияти ташкилоти ҳунармандӣ;
- дигар талаботҳое, ки барои амалӣ намудани фаъолияти касбии онҳо ҳатмӣ мебошанд;
5. Раёсат, роҳбарияти иттиҳодияҳои ҷумҳуриявии ҳунармандӣ аз ҳисоби устодони хизматнишондодаи бахши ҳунармандӣ ва устодони бахши

ҳунармандӣ ва дар сатҳи маҳаллӣ аз ҳисоби ҳунармандони маҳаллӣ таъсис дода мешавад.
6. Иттиҳодияҳо субъектҳои фаъолияти ҳунармандиро дар асоси ризоият ва ихтиёрӣ муттаҳид ва дар доираи ваколатҳои муқаррарнамудаи Низомнома аз номи онҳо намояндагӣ менамояд.
7. Иттиҳодияҳо метавонад мақоми маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ дошта бошад.
8.Муассисони иттиҳодияҳо субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ мебошанд.
9.Иттиҳодияҳои ҳунармандӣ уҳдадориҳои худро нисбат ба субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ новобаста аз узвияти онҳо дар иттиҳодияҳо амалӣ менамояд.
10.Ҳуқуқу уҳдадориҳои иттиҳодияҳои ҳунармандӣ:
- ба амалисозии сиёсати давлатӣ вобаста ба фаъолияти ҳунармандӣ, раванди рушди ҳамаҷонибаи бахшҳои ҳунармандӣ ва муттаҳидсозии ҳунармандон, ташкилотҳои ҳунармандӣ масъул мебошанд;
- ба субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ ёрии ҳуқуқӣ, хизматҳои иттилоотӣ, дигар кӯмакҳо ва хизматрасониҳоро анҷом медиҳад, манфиатҳои онҳоро ҳимоя менамоянд;
- дар доираи ваколатҳояшон бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллӣ оид ба ташкили фаъолияти ҳунармандӣ шартномаҳо ба имзо мерасонанд;
- ба субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба таҳсили касбӣ ва тайёрии касбии ҳунармандон мусоидат мекунанд;
- дар таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳо оид ба масъалаҳои фаъолияти ҳунармандӣ иштирок менамоянд;
-дар гузаронидани намоишҳо, семинарҳо, ҷаласаҳо оид ба масъалаҳои фаъолияти ҳунармандӣ иштирок менамоянд;
-дар асоси мурочиати субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ дар баррасӣ, ташхис, пешниҳод ва ҳалли масъалаҳои ҳунармандон иштирок менамоянд;
- иттилоияи заруриро, аз қабили қонун ва санадҳои қабулшуда, натиҷаҳои чорабиниҳои баргузоргардида, омӯзишҳо барои ҳунармандон ва ҷалби онҳо ба ин гуна чорабиниҳо ба субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ дастрас менамоянд;
- бо мақсади ҳамчун маҳсули эҷоди худ ба фуруш гузоштани молу маҳсулот, донишу малакаҳои дар раванди фаъолияти ҳунармандӣ истеҳсол ва ё ҳосилгардида аз Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон гузаронидани ташхиси онҳоро дархост ва хулосаи онро дастрас менамоянд;
- дигар ваколатҳоеро, ки ҳамин Қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд, амалӣ менамоянд.

**Моддаи 22. Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон**

1. Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон барои татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ, аз ҷумла ҷиҳати таъмини ташаккули сиёсати ҳунармандӣ, таъмини ягонагии субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ (ҳунармандон, ташкилоту корхонаҳои ҳунармандӣ), таъмини авлавият нисбат ба устодони хизматнишондодаи бахши ҳунармандӣ ва устодони бахши ҳунармандӣ дар ташаккул ва пешбурди сиёсати соҳаи ҳунармандӣ пурра масъул буда, самти мазкур таҳти назорати давлат қарор дорад.
2.Низомномаи Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистонро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.
3.Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон ҳамчунин ҳуқуқ ва уҳдадориҳои зеринро амалӣ мекунад:
- якҷоя бо мақомоти давлатии самти мазкур оид ба содир ва ворид намудани маснуот, маҳсулоти ҳунармандон ва расмиётҳои вобаста ба он тадбирҳои зарурир амалӣ менамояд;
-якҷоя бо мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешбурди фаъолияти ҳунармандӣ тадбирҳои заруриро амалӣ менамояд;
- дар ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои давлатию байналмилалӣ оид ба масъалаҳои фаъолияти ҳунармандӣ иштирок менамояд;
4. Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон ҳамчун иттиҳодияи ҷумҳуриявии ҳунармандон фаъолияти худро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.
5.Фаъолияти Иттифоқи ҳунармандон аз ҳисоби хизматрасониҳои иттифоқ ҳангоми мусоидат ба фурӯши маҳсулот ва хизматрасониҳои ҳунармандон анҷомдодашуда, маблағҳои аз ҳисоби хайрия, эҳсонкориҳо ва грантҳо воридшуда, узвияти субъектҳои ҳунармандие, ки фонди сармоявии фаъолияташон беш аз 500 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ба роҳ монда мешавад.
6.Муассисони Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ мебошанд.
7. Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон метавонад мақоми маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ дошта бошад.
8. Узвият дар Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон дар асоси ризоият ва ихтиёрӣ ба роҳ монда мешавад.
9. Раёсат, роҳбарияти Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон аз ҳисоби устодони хизматнишондодаи бахши ҳунармандӣ ва устодони бахши ҳунармандӣ таъсис дода мешавад.
10. Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон уҳдадориҳои худро нисбат ба субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ новобаста аз узвияти онҳо дар иттифоқ амалӣ менамояд.
11. Омодасозии расмиётро оид ба ташхиси маснуот, маҳсулоти субъектҳои фаъолияти ҳунармандиро, аз ҷумла барои намоишгоҳҳо, чорабиниҳои давлатӣ ва байналмилалӣ дар назар дошта мешаванд, амалӣ менамояд.

**Моддаи 23.Толорҳои ҳунармандӣ**

1.Толорҳои ҷумҳуриявии ҳунармандӣ – толори махсус барои намоиш ва фурӯш гузоштани маснуот, маҳсулот ва хизматрасониҳои ҳунармандӣ, ки аз тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ дар он ҷамъоварӣ шудааст, мебошад.

2. Толори ҷумҳуриявии маҳсулотҳои ҳунармандӣ ҳамчун захираи дастовардҳои ҳунармандии ҷумҳурӣ дар ҳимояти давлатӣ қарор дорад.

3. Фаъолияти Толори ҷумҳуриявии ҳунармандиро мақомоти масъули давлатии ҳунармандӣ ва иттиҳодияҳои ҳунармандии Тоҷикистон амалӣ менамоянд.

4. Тартиби фаъолияти Толори ҷумҳуриявии маҳсулотҳои ҳунармандиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

**Моддаи 24. Марказҳои ҳунармандӣ**

1. Марказҳои ҳунармандӣ – ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ буда, бо мақсади кӯмак расонидан ба ҳунармандон дар амалӣ намудани фаъолияти истеҳсолӣ (дар доираи самтҳои фаъолияте, ки дар оинномаҳои марказҳои ҳунармандӣ дарҷ шудаанд), инчунин ба онҳо расонидани хизматҳои иттилоотӣ – машваратӣ ва таълимӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, ҳам соҳаҳои алоҳидаи фаъолияти ҳунармандӣ таъсис дода мешаванд.

2. Шаклҳои ташкилӣ – ҳуқуқии марказҳои ҳунармандӣ, ваколатҳо ва тартиби таъсиси мақомоти идоракунии онҳо, сарчашмаҳои ташаккули амвол, ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои муассисон (аъзоён) ва дигар ҳолатҳои ба фаъолияти онҳо алоқаманд, бо ҳуҷҷатҳои таъсисӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

**Моддаи 25. Шаҳракҳои ҳунармандӣ**

1. Шаҳраки ҳунармандӣ - ҳудуди муайяни дар ноҳияву шаҳрҳои минтақаҳои ҷумҳурӣ ҷудокардашуда мебошад, ки ҳунармандони тамоми самтҳо фаъолияти истеҳсолӣ ва ё хизматрасониро дар асоси анъанаҳои маҳаллӣ ва фаъолияти доимоамалкунанда ба роҳ мемонанд.
2.Шаҳракҳои ҳунармандӣ пеш аз ҳама дар шаҳру ноҳияҳои дорои мақоми махсус ва аҳамияти таърихию сайёҳӣ, ҳамчунин дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бунёд карда мешаванд.
3.Дар шаҳракҳои ҳунармандӣ низоми махсуси фаъолияти ҳунармандӣ, аз ҷумла услуби туризми маҳаллӣ, агротуризм ва ғайра ҷорӣ карда, имтиёзҳои андозӣ пешбинӣ карда мешаванд.

## БОБИ 5. ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИЯТИ ҲУНАРМАНДӢ

**Моддаи 26. Дастгирии давлатии фаъолияти ҳунармандӣ**

1.Дастгирии давлатии фаъолияти ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути фаъолияти мақомоту ниҳодҳои давлатӣ ва машваратии сатҳи давлатӣ, қабули қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ташкил, мусоидат ва баргузор намудан чорабиниҳои давлатию байналмилалии бахши ҳунармандӣ ва андешидани дигар тадбирҳо амалӣ карда мешавад.

2.Масъалаҳои асосии дастгирии давлатии фаъолияти ҳунармандӣ дар самтҳои зерин амалӣ карда мешавад:
1.Муайян ва татбиқ кардани имтиёзҳои пардохтии маблағҳо.
2.Ҳимояи субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ, маснуот ва маҳсулоти ҳунармандони ҷумҳурӣ тавассути озод кардан аз боҷи гумрукӣ ва дигар пардохтҳои гумрукӣ ҳангоми:
- содир ва ворид намудани маҳсулоти худӣ, ки барои намоиш ва фурӯш дар хориҷа таъин шудаанд;
- ворид намудани асбобҳо ва таҷҳизот барои зиёд кардани сармояи оинномавии худ;
- ворид намудани ашё ва маводҳои барои истеҳсоли маснуот, маҳсулоти ҳунармандӣ зарурӣ.
3. Ҳавасмандгардониҳои моддиву маънавӣ.
4. Ба субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ муқаррар кардани шаклҳои зерини ҳуқуқи афзалиятнок:
- ёрии молиявӣ ва қарзҳои (кредитҳои) имтиёзнок аз ҳисоби маблағҳо барои рушди соҳибкории хурд ва миёна пешбинишуда ба ҳунармандоне, ки дар самтҳои барои давлат афзалиятнок фаъолият мекунанд;
- бо шартҳои имтиёзнок ба иҷора додани биноҳо, иншоот ва объектҳо моликияти давлатӣ, аз ҷумла барои:
а) ташкил ва гузаронидани намоишгоҳҳо, намоигоҳ-ярмаркаҳо, озмунҳо, музоядаҳо ва дигар чорабиниҳои вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти ҳунармандӣ;
б) ташкил ва гузаронидани омӯзиши фаъолияти ҳунармандӣ;
в) фаъолияти истеҳсолӣ ва таълимии устоҳо - ҳунармандон;
- шакли соддагардонидашудаи ҷудо намудан ва додани қитъаи замин барои сохтмони объектҳои вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти ҳунармандӣ;
- тартиби соддаи бақайдгирӣ ва барои амалӣ намудани фаъолияти ҳунармандӣ гирифтани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст;
- танзими таърифаҳои гумрукӣ барои маҳсулоти ҳунармандии воридотӣ, бо мақсади ҳимояи маҳсулоти ҳаммонанди ҳунармандони ватанӣ.

5.Шахсони воқеии субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ:
- аз пардохти андоз аз даромади шахсони воқеӣ, андозе, ки тибқи низоми соддакардашуда пардохта мешавад ва дигар андозҳое, ки Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, озод мебошанд;

- эъломияҳои андоз пешниҳод намекунанд;
- аз пеш бурдани маълумот оид ба даромадҳо ва хароҷот, инчунин пешниҳоди ҳисоботи муҳосибавӣ озод мебошанд.
6.Барои шахсони ҳуқуқии субъекти фаъолияти ҳунармандӣ вобаста ба масъалаҳои пардохти андоз аз даромад, пешниҳоди эъломияҳои андоз, пеш бурдани маълумот оид ба даромадҳо ва хароҷот, пешниҳоди ҳисоботи муҳосибавӣ, низоми махсуси соддакардашудаи имтиёзнок пешбинӣ карда мешавад.
7.Тартиби низоми махсуси соддакардашудаи имтиёзнокро барои шахсони ҳуқуқии субъекти фаъолияти ҳунармандӣ мақоми ваколатдори давлатии соҳаи ҳунармандӣ, иттиҳодияҳои ҳунармандӣ дар якҷоягӣ бо вазорати рушди иқтисод ва савдо ва мақомоти андоз таҳия карда, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

**Моддаи 27. Шаклҳо ва усулҳои дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти ҳунармандӣ**

1. Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам чорабиниҳои зерин ташкил ва гузаронида мешаванд:
- конфоронси байналмилалӣ бахшида ба ҳунармандӣ ва савдои маҳсулоти ҳунармандӣ;
- намоиш – ярмаркаҳои байналмилалӣ;
- озмунҳои ҷумҳуриявии «Ҳунарманди Тоҷикистон».
2.Тартиб ва шаклҳои ташкил ва гузаронидани конфронсҳо, намоишҳо – ярмаркаҳо ва озмунҳои вобаста ба фаъолияти ҳунармандиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.
3.Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти худидораи маҳалҳо дар доираи ваколатҳояшон шароитҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар шароитҳоро барои эҳё, ҳифз кардан ва рушди фаъолияти ҳунармандӣ таъмин менамоянд, аз он ҷумла:
- тавсияҳоеро, ки барои такмил додани танзими ҳуқуқии дастгирии давлатии фаъолияти ҳунармандӣ равона шудаанд, таҳия намуда, тибқи тартиби муқарраршуда ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд;
- субъектҳои фаъолияти ҳунармандиро ба амалисозии барномаҳо ва чорабиниҳои давлатӣ, иҷрои корҳо хизматрасониҳо барои эҳтиёҷоти давлат ҷалб менамоянд;
- ҷиҳати татбиқи барномаҳои давлатии рушд ва дастгирии фаъолияти ҳунармандӣ тадбирҳо андешида, барномаҳои маҳаллии эҳё ва ҳифз намудани анъанаҳо, рушд ва дастгирии фаъолияти ҳунармандиро таҳия, тасдиқ ва амалӣ менамоянд;
- ба амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ мусоидат менамоянд;
- ҷиҳати таблиғи фаъолияти ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз қаламрави он, инчунин дар фурӯши маснуот, маҳсулот ва хизматрасонии ҳунармандӣ, аз ҷумла бо воситаи ташкил ва баргузории

намоишгоҳҳо, намоиш- ярмаркаҳо, озмунҳо, музоядаҳо, савдои махсуси маҳсулоти ҳунармандӣ мусоидат менамоянд;
- ҷиҳати пешгирӣ намудани муфлисшавии субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ тадбирҳо меандешанд;
- мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бо мукофотҳои давлатӣ ва соҳавӣ сарфароз гардонидани субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ барои хизматҳои шоён дар соҳаи ҳунармандӣ дархост пешниҳод менамоянд;
-мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар шаклҳои дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии субъектҳои ҳунармандиро амалӣ менамоянд.

**Моддаи 28. Иштироки ҳунармандон дар ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ**

1.Ҳунармандон мустақиман ва ё ба воситаи ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои ҳунармандӣ дар ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ иштирок менамоянд.
2. Шаклҳои иштирок дар ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ аз инҳо иборат мебошанд:
- иштирок дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, лоиҳаҳо ва барномаҳо ва амалисозии онҳо;
- таҳияи тавсияҳо барои ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ;
- манзур намудани пешниҳод барои ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ;
-дигар шаклҳои иштирок мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 29. Бақайдгирии субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ**

1. Бақайдгирии шахсони воқеӣ – субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии ҳисобии шахсони воқеӣ амалӣ карда мешавад.

2. Бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ – субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ вобаста аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқии онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

3. Бақайдгирии иттиҳодияҳои ҷамъиятии субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» вобаста аз вазъи ҳуқуқии онҳо дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсатҳои адлияи Вилояти мухтори куҳистони Бадахшон ва вилоятҳои ҷумҳурӣ амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 30. Назорат ва санҷиши фаъолияти ҳунармандон**

1.Назорат ва санҷиши субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ дар асоси хусусиятҳои машваратӣ, касбӣ ва тавсиявӣ аз ҷониби бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҳунармандӣ бе ҳуқуқи ҷаримабандӣ ва дигар чораҳои иҷборӣ амалӣ карда мешаванд.
2.Иттиҳодияҳои ҳунармандӣ муқаррарот, мақсад, сана ва муҳлати назорат ва нақшаҳои санҷишии худро бо дарҷи масъалаҳо, саволҳо, барои ҳар сол қаблан бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ мувофиқа ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро вобаста ба ин масъалаҳо дар ҷараён мегузоранд.

## БОБИ 6. ҲОЛАТҲОИ ХОТИМАВӢ

### Моддаи 31. Ҳолатҳои хотимавӣ

1. Ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои ҳунармандие, ки то қувваи эътибор пайдо намудани ҳамин Қонун таъсис дода ва ба қайд гирифта шудаанд, дар ҳолати мухолифати оинномаи онҳо ба ҳамин Қонун, уҳдадоранд оинномаҳои худро ба ҳамин Қонун мутобиқ намоянд ва дар давоми 12 моҳ аз рӯзи қувваи эътибор пайдо намудани ҳамин Қонун аз бақайдгирии нави давлатӣ гузаранд.

2. Азнавбақайдгирии ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои ҳунармандӣ мутобиқи қисми 1 ҳамин модда ройгон сурат мегирад.

### Моддаи 32. Қувваи эътибор пайдо намудани Қонун

1. Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода мешавад.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳунарҳои бадеии халқӣ» аз 1 августи соли 2003, №43 аз эътибор соқит карда шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон